“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор
Э.С. Насриддинзода__________
“__29__” ______________соли 2024

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамаҷониба таҳлил ва баррасӣ гардида, ба яке аз мавзӯҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳлили ҳуқуқи-конститутсионӣ” бахшида шуда, дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба иҷро расида, барои дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи суди конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Мавзӯи доктории диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна “Проблемы и перспектива законодательного процесса Маджлиси Оли Республики Таджикистан” моҳи июни соли 2019 дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тасдиқ шудааст (протоколи № 11 (18-19), аз 21 июни соли 2019).

Дар давраи омодасозии диссертатсия Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2008 дар зери роҳбарии ҳуқуқшиноси шоистаи Федератсияи Россия доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Козлова Екатерина Ивановна диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносиро дар мавзӯи “Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли (Парламента) Республики Таджикистан” дар Академияи давлатии ҳуқуқшиносии Маскав ҳимоя намудааст.

**Ба ҳайси роҳбари илмӣ Зоир Ҷурахон Маҷидзода** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баромад мекунад.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ**

Донишҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, аз андеша ва мафҳумҳои умумиэътирофшудаи илмии назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ исбот карда шуда, истифода шудааст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсия дарак медиҳанд. Таҳқиқоти илмӣ кори илмии анҷомёфта мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ дар эҷоди санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ асос гузошта шуда, зарурати қабули қонунҳои наве ба миён омад, ки онҳо ба талаботи асосҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёдӣ ҷавобгӯй бошанд.

Раванди эҷоди қонунҳо, таҳияи банақшагирӣ ва консепсияҳо доир ба мукаммалгардонии раванди қонунгузорӣ ва фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳияи қонунҳоиояндаи низоми қонунгузориро муайян мекунад муқаррар шудааст.

Муаллифи рисола муайян намудааст, ки дар давраи пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва баъд аз соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ зарурати

навсозии ҳамаи сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Ҳамчунин вобаста ба ин мебоист тамоми қонунҳои кишвар мутобиқи Конститутсияи 6 ноябри соли 1994 қабул шуда ба роҳ монда шавад. Мақомоти мазкур дар давраи ҳассос ва номусоид аввалин қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти давлатӣ қабул намуд. Қайд шудааст, ки ислоҳоти конститутсионии 26 сентябри соли 1999 баргузор гардида барои такмили қонунгузории кишвар такони ҷиддӣ бахшид.

Дар асоси ин ислоҳот мақомоти ҳокимияти давлатӣ-Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор, аз ду маҷлис: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ташкил ёфта он рушди ниҳодҳои демократиро ба роҳ монда, ба фаъолияти қонунгузорӣ ва раванди қонунгузорӣ асоси воқеӣ ба миён овард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олиикишвар соли 2023 қайд намудаанд, ки “қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шуда ҳамқадами ислоҳот бошад”. Аз ин рӯ, ба парлумон вазифаи қонунгузорӣ ва мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқие гузошта шудааст, ки манфиату мақсад ва эҳтиёҷоти рушди ҷомеаро ифода мекунад.

Раванди қонунгузорӣ ҳамчун фаъолияти мустақил қатъиян дар шаклҳои муқаррарнамудаи конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва дастурҳои парлумон амалӣ мегарданд.

Аввалин маротиба раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси Олӣ ба таври мубоҳисавӣ, демократӣ, озод ва барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ошкоро амалӣ мешавад, ки аз тарафи унвонҷуй боиси таҳқиқ қарор гирифтааст. Раванди қонунгузорӣ барои парлумони Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад, чунки он на танҳо бо иштироки вакилони парлумон сурат мегирад, балки дар он дигар ниҳодҳои давлатӣ низ ҷалб карда мешаванд, ки дар асоси робитаҳои мунтазам қонунҳои сифатан мукаммал бояд қабул намоянд ба

тариқи илмӣ асоснок карда шудааст. Дар рафти таҳқиқи диссертатсия муаллиф андешаҳои худро доир ба масъалаҳои мавҷудбудаи раванди қонунгузорӣ иброз намудааст. Масалан, дар замони муосир раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ дар асоси принсипҳои дастаҷамъона, адолат ва мустақилият, кордонӣ, бисёрҳизбӣ, мандати озоди вакилон, демократӣ, ошкорбаёнӣ сурат мегирад.

Ҳамчунин бо дарназардошти гуфтаҳо дар раванди қонунгузорӣ, принсипи забонӣ истифода мешавад, ки яке аз принсипҳои муҳими татбиқи раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Ба мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла аъзоёни парлумон имконияти ба забони давлатӣ иброз намудани фикру андешаҳо, баррасӣ ва қабули қонунҳои кишвар ба миён омадааст. Забони тоҷикӣ дубора эҳё гашта, раванди қонунгузории парлумони касбӣ ва мустақил дар асоси бисёрҳизбӣ ба роҳ мондааст.

Муаллиф дар рисола оиди таҳия ва қабули қонунҳо дар асоси принсипҳои умумиэътирофшуда баргузор гардидани раванди қонунгузории парлумонро муҳим мешуморад. Муаллиф як ҷиҳати дигари таҳқиқоти илмӣ, ки дар раванди қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад, муайян намудааст. Яъне дар парлумони кишвар принсипи истифодаи хусусиятҳои миллӣ дар қабули қонунҳо низ ба миён омадааст. Ташаккул, такмил ва рушди низоми қонунгузории миллӣ, низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва раванди қонунгузорӣ дар фазои мусоид аз дастоварди муҳими сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар даврони соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, дарак медиҳад.

С.Н. Яқубова ба масъалаҳои ташаббуси қонунгузорӣ аҳамияти ҷиддӣ додааст. Омузиши амиқи ин масъалаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва танзими қонунгузорӣ оиди васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, такмил додани раванди қонунгузорӣ, боз ҳам бештар мукаммал гардонидани қабули қонунҳо зарур мебошад. Дар амалия ҳолатҳое мавҷуданд, ки танзими баъзе аз масъалаҳо дар асоси қонунҳои пешин қарор дошта, онҳо ба талаботи замони имрӯза ҷавобгӯй нестанд.

Даврони соҳибистиқлолӣ ба Маҷлиси Олӣ имконият дод, ки қабули қонунҳоро банақшагирӣ ва дурнамои онро барномарезӣ намуд, ки ин ба раванди қонунгузорӣ аз ҷумла самти муайяни фаъолияти парлумонро муайян мекунад. Дар ин ҷода яке аз тадбирҳои аз ҷониби давлат дар амалӣ намудани имкони такмили ҷараёни меъёрэҷодкунӣ ва раванди қонунгузориро ба дараҷаи сифатан нав расонида, дар банақшагирии мақсаднок ва раванди қонунгузории парлумон нақши калидӣ мебозад - ин Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ барои солҳои 2018-2028 мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои зикршуда, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ, пешниҳоди тавсияҳои илмии асоснок шуда, доир ба мукаммалгардонии қабули қонунҳо дар раванди қонунгузории парлумони кишвар яке аз масъалаҳои мумрами замони имрӯза ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии банақшагирии панҷсолаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшинсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шуда, иҷроиши он зарур ва муҳим мебошад , иҷро гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилӣ назариявӣ ва ҳуқуқи-конститутсиониест, ки ҷиҳати муайян намудани нақш ва мавқеи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти қонунгузории парлумон аҳамияти муҳим дошта, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани мафҳуми раванди қонунгузории парлумон, аз ҷиҳати амалӣ пай дар пай амалӣ гаштани давраҳои асосӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ давраҳои иловагии раванди қонунгузорӣ, риоя намудани принсипҳои раванди қонунгузорӣ: аз ҷумла пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо дар шакли мукаммал аз тарафи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, баррасӣ, қабули қонунҳо дастаҷамъона бо овоздиҳии пинҳонӣ ва рафти он ошкоро сурат гирифтани раванди қонунгузорӣ,

ҷонибдории қонунҳо аз тарафи палатаи болоӣ ҳамчунин дастаҷамъона, гузаронидани экспертизаҳои зарурӣ иборат мебошад.

Муаллиф барои ноил шудан ба мақсадҳои номбаршуда, иҷрои як қатор вазифаҳоро зарур мешуморад, пеш аз ҳама муайян намудани мафҳуми раванди қонунгузории парлумон бо истифода аз дигар мафҳумҳои илмӣ; муайян намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва субъектони раванди қонунгузорӣ ва васеъ намудани доираи онҳо; муайян намудан ва фарқияти пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо аз таклифҳои қонунгузорӣ; ҳамаҷониба таҳлил намудан ва баррасӣ намудани лоиҳаи қонун ва таклифҳои қонунгузорӣ, қабул ва ҷонибдории қонунҳо дар палатаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастаҷамъона; зарурати амалигардонии экспертизаҳои мавҷуда доир ба лоиҳаи қонунҳо дар раванди қонунгузорӣ марбут мебошад.

**Объекти таҳқиқоти диссератсионӣ.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки доир ба раванди қонунгузорӣ, банақшагирӣ ва дурнамои раванди қонунгузории парлумон вобаста буда, иборат мебошад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро табиати ҳуқуқии дурнамои раванди қонунгузорӣ ва муайян намудани мавқеи он дар фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳуқуқи-конститутсионии раванди қонунгузории кишварҳои Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Фаронса ва ғ. ба тариқи муқоисавӣ, доир ба раванди қонунгузории парлумон, вобаста будани оғози раванди қонунгузорӣ ба амали гаштани ҳуқуқҳои субъекти ташаббуси қонунгузорӣ, васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунзузорӣ, таҳлили мазмуни субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ: аз қабили Президент, Ҳукумат, вакилони палатаи поёнӣ ва аъзоёни палатаи болоии парлумон, мазмун ва моҳияти ҷонибдорӣ накардани қонунҳо аз тарафи Маҷлиси миллӣ, баргардонидани қонунҳо аз тарафи Президенти кишвар: сабаб ва эродҳо, фарқияти таклифҳои

қонунгузорӣ, таҳлили ба имзорасонии қонунҳо аз тарафи Президент ва интишори қонунҳоро ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ ҳамаҷониба таҳлил ва таҳқиқ намудааст, ки он ба такмили ҷараён ва марҳилаҳои рафти қабули қонун дар парлумони кишвар аз аҳамият холӣ нест.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо пешниҳод шудаанд, аз ҷумла, Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба "Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо", - Душанбе, 2020; конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба Рузи илмӣ тоҷик ва 30-солагии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия "Хониши IIX Ломоносов" дар мавзӯи "Ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд" – Душанбе, 2022; конференсия бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон дар ойинаи таърих" - Душанбе, 2023 ва дигар ба аҳли илм пешниҳод карда шудааст.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо, дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дида мешавад.

2. Диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна "Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳлили ҳуқуқи-конститутсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи суди конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқушиносиии ДМТ қабул карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд, 18 нафар иштирок доштан, аз ҷумла, 6 нафар доктори илмҳои ҳуқуқ, профессорон: Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 18 , “зид” – 0, “бетараф” 0, протоколи № 5 аз 26 январи соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи
конститутсионӣ ва маъмурии
факултети ҳуқуқшиносиии ДМТ,
н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти калони кафедраи
ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии
факултети ҳуқуқшиносиии ДМТ Неъматова М.А.

**Имзои Сулаймонзода М.С.**
**ва Неъматова М.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**“27” январи 2024 с.**